ТАВЗЕҲНОМА

ба Лоиҳаи Дастурамали №___“Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ”

Лоиҳаи Дастурамали мазкур баҳри иҷроиши муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкии исломӣ ва омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро мутобиқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ташкил медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул аст, аз ин рӯ, пас аз таъсиси бонкҳои исломӣ зарурати таҳияи санади нав пайдо гардид.

Гарчанде қонунгузории соҳаи бонкии кишвар тартиби ягонаи ташкил ва истифода намудани захираи хавфҳои қарзӣ ва Фонди пӯшонидани талафоти имконпазирро аз рӯи дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ намудааст, вале санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба тартиби ягонаи ташкил ва истифода намудани захираи хавфҳои қарзӣ ва Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ мавҷуд нест.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои тартиби ягонаи ташкил ва истифода намудани захираи хавфҳои қарзӣ ва Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои ташкилоти қарзии исломӣ, муайян намудани сифати дороиҳо ва сатҳи хавфи қарзӣ ва анҷом додани вазифаҳои танзим ва назорати бонкӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуд.

Дастурамали №___“Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ” бо мақсади идоракунӣ ва назорати сифати дороиҳо дар ташкилотҳои қарзии исломӣ (ба истиснои ташкилотҳои қарзии хурди исломӣ ва фондҳои қарзии хурди исломӣ) таҳия шуда, тартиби ягонаи ташкил ва истифода намудани захираи хавфҳои маблағгузории исломӣ ва Фонди пӯшонидани талафоти имконпазирро аз рӯи дороиҳои ташкилоти қарзии исломӣ муқаррар менамояд.

Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гашта, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он муайян намудан ва баҳодиҳии хавфи қарзӣ, таснифи дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ дар самти мазкур, мусоидат менамояд.

Қабули санади мазкур дар самти муайян намудани сифати дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ ва идоракунии онҳо муҳим мебошад, ҳамзамон барои санҷиши ташкилотҳои қарзии исломӣ санади ҳаммонанд мавҷуд намебошад ва бидуни қабули санади мазкур барои мақомоти танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ муайян намудани сифати дороиҳо, сатҳи хавфи қарзӣ ва санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ ғайриимкон мегардад.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода